**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо” оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ**

Диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ, ки ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти № 24/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ ва ҳамгироии густурдаи минтақавиро василаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад. Дар миёни кишварҳои минтақа кишвари ҳамҷавори Ӯзбекистон, ки бо мо аз ҳама бештар марзи тулонӣ дорад, мақоми хоса касб кардааст ва ин тасодуфӣ нест. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ пеш аз ҳама дар он муайян мегардад, ки муносибатҳои ду кишвар дар сатҳи баланди шарикии стратегӣ қарор гирифта пайваста аз ҷониби мақомоти олии ҳар ду кишвар эътироф ва эълом дошта мешаванд.

Мавзӯи “Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо” дар илм мавзӯи нав бошад ҳам, аллакай ҷанбаҳои гуногуни он мавзуи тадқиқи чандин рисолаҳои илмӣ ва китобу дастурҳои гуногун дар ду кишвар ва берун аз он қарор гирифтанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Мамадқулова Рано Олимовна бонизом ва дар сатҳи баланди мантиқию илмӣ таҳия гардида, андешаҳои илмӣ оид ба ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даврони истиқлолият мебошад. Барои расидан ба ин мақсад муаллиф заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, шароити сиёсӣ ва иқтисодии муносибатҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI, ҳамкориҳои илмиву фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон, вазъи муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар даҳсолаи аввали асри XXI, раванди муътадилшавии робитаҳои ду кишвари ҳамсоя дар даҳаи дуюми асри XXI ва аҳамияти таърихии онҳоро омӯхта ва таҳлил намуда, моҳияти “сиёсати дарҳои кушод” ва дипломатияи бисёрсамтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар бартараф намудани мушкилот ва душвориҳо дар робитаҳои ду кишвари ҳамсояро кушодааст.

Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро методҳои таҳлили таърихию муқоисавӣ, системавӣ, сохторӣ-функсионалӣ, инчунин методҳои маърифатӣ, таҳлил, тафсирӣ, пешгӯӣ ва ғайра ташкил додаанд.

Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии тадқиқот. Конститутсияи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, консепсияҳои сиёсати хориҷии ду кишвар, Эъломияҳо дар бораи Истиқлоли давлатӣ, Стратегияи рушди миллии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-юм маводи вазоратҳои корҳои хориҷӣ, иқтисод ва савдои ҳар ду давлат ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ мебошанд.

Барои таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи мавзӯъ ва кушодани ҷанбаъҳои гуногуни он муаллиф аз сарчашма ва манбаъҳои мавҷуда ба таври васеъ истифода кардааст, ки онҳоро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намуд. Ба гурӯҳи аввали сарчашмаҳо манбаъҳои сатҳи аввал – Осору суханрониҳо, баромадҳо, Паёмҳои солонаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин осору баромадҳо ва изҳоротҳои

Президентҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид мешаванд, ки ҳамчун раҳнамо ва илҳомбахши раванди робитаҳои ду давлат хизмат мекунанд.

Рисола дар мавзӯи “Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар замони истиқлолият: шароитҳо ва хусусиятҳо ” пеш аз ҳама барои омӯзгорони соҳаҳои таърих, сиёсатшиносӣ, мардумшиносӣ дар муассисаҳои таълимии олии касбӣ, Академияи кормандони давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи ВКД ҶТ, зарур мебошад, зеро дар он заминаҳо, ҷанбаъҳо, равандҳо, шароит ва имкониятҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои ҳамҷавор таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд. Баробари ин таҳлилҳо, хулосаҳо ва натиҷаҳои мавзӯи баррасишуда метавонанд барои муҳаққиқони ҷавон дар баррасии масъалаҳои монанд ва наздик ҳамчун дастури назариявии такягоҳӣ хизмат кунанд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар муҳиммияти корбурди он дар фаъолияти мутахассисони соҳаҳои гуногуни идораҳо ва ташкилотҳо зуҳур меёбад. Азбаски замони нави ҷаҳонишавии муносибатҳо уфуқҳои тозаи ҳамкориҳоро равшан мегардонад ва шароитҳои амалии ҷадид ба миён меоянд, таҷрибаи андӯхтаи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар ин марҳила мазмуни амиқ касб мекунад ва паёмади хуше ба бор меоварад.

Саҳми шахсии довталаб Мамадқулова Рано Олимовна дар таҳия ва асосноксозии номи мавзуъ, таҳия ва татбиқи нақшаи кор, ҷамъоварӣ ва коркарди маводҳо, таҳлили вазъияти сиёсию геополитикӣ, минтақавӣ ва дохилии ҷумҳуриҳо, таҳлили адабиёти мавҷуда, ба илм ворид сохтани мафҳуму истилоҳҳои нав, таҳлили шароит ва хусусиятҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон зоҳир мешавад.

Муаллиф дар доираи се боб ва шаш зербоб ба пуррагӣ тавонистааст, ки ба ҳадафу вазифаҳои дар назди худ гузошта ноил гардад. Боби якуми диссертатсия “Заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон” аз ду зербоб иборат мебошад.

Муаллиф дар боби мазкур ба таври дақиқ, асоснок ва ҳаматарафа заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ва шароити сиёсӣ ва иқтисодии муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI таҳлил намудааст. Муаллиф таъкид намудааст, ки масъалаи муносибатҳои байнидавлатӣ дар даврони мо ба яке аз масоили мубрами замон табдил ёфтааст ва он таърихан бо ҳамзистии халқҳои маскуни он кишварҳо робитаи қавӣ дорад. Бо назардошти нозукӣ ва ҳассосияти масъалаи мазкур, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муқаддимаи китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» зикр кардаанд: «Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳеҷ як миллат наметавонад бидуни баҳравар шудан аз тамаддуни муштараки миллатҳову қавмҳои ҳамҷавор бо сари танҳои худ миллати тавонову бофарҳанг гардад ва дар тули ҳазорсолаҳо бобақову поянда монда тавонад»

Дар боби дуюми рисола бо номи “Хусусият ва вижагиҳои робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар даҳсолаҳои аввали асри XXI” муаллиф дар ду зербоб вазъият ва вижагиҳои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даҳсолаи аввали асри XXI ва паёмадҳои он ва ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии ин ду ҷумҳуриро таҳлил ва баррасӣ намудааст. Муаллиф ҳамчунин қайд намудааст, ки дар даврони истиқлолият ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии ду кишвари ҳамсоя коста нашуда, балки моҳият, мазмун ва миқёси нав пайдо карданд. Дар замони истиқлолият як силсила чорабиниҳои нави фарҳангӣ аз қабили баргузории Рузҳои фарҳангӣ, намоишномаҳо, выставкаҳо, озмунҳои гуногун, эҳёи санъату суннатҳои қадимаи мардумӣ эҳё ва намуди тоза ба худ гирифтанд.

Боби сеюми диссертатсия “Шароит ва дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар қаринаи шарикии стратегӣ” аз ду зербоб иборат буда, дар онҳо шароитҳо ва хусусиятҳои

ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар қаринаи шарикии стратегии ду кишвар ва афзалиятҳо ва дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Мазмун ва мундариҷаи рисола, пайдарҳамӣ ва васли мантиқии бобҳои рисола, таҳлилу натиҷагириҳои мантиқан асоснок карда шуда ва баёни андешаҳо далели он аст, ки муаллиф малакаи хуби таҳлилу баррасии ҳодиса ва воқеаҳо дорад ва бо истифода аз услубу равишҳои тоза таҳқиқоти мукаммалро ба анҷом расондааст.

Дар баробари муваффақиятҳо ва ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқоти анҷомёфта дар рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки пешниҳоди онҳо барои дар оянда такмилу пурратар гардидани таҳқиқот замина хоҳанд гузошт.

1. Муаллиф дар боби аввал ба ҳамкориҳои ду халқи бародар дар даврони шуравӣ бештар диққат додааст, ки боиси такрор шудани баъзе мисолу далелҳо ва маълумотҳои роиҷбуда гардидааст.

2. Муаллиф ҳангоми баррасии масъалаи сардшавии робитаҳои ду кишвар бештар ба маводи дар маҷаллаву рузномаҳои кишвар ба табъ расида таваҷҷӯҳ карда, аз маводи расмии бойгонӣ камтар истифода бурдааст.

3. Ҳангоми таҳлили раванди нармшавии робитаҳои ду кишвар муаллифро мебоист ба навишта ва таҳқиқотҳои олимони ӯзбек ҳам таваҷҷӯҳ мекард, то боиси равшан гардидани мавқеи олимони кишвари ҳамсоя дар масъалаи мазкур гардад.

Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки ин камбудиҳо хислати дар оянда ислоҳшаванда дошта, ҳусни аслии рисола – мубрамият ва саривақтӣ будани онро коста намегардонанд.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дар мақолаҳои илмӣ, ки рӯйхати онҳо дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия дарҷ ёфтаанд, интишор

шудаанд. Онҳо дар шакли маърӯза дар конференсияҳои илмиву амалии гуногуни ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешкаш шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор шудаанд дар диссертатсия, аз ҷумла дар хулосаи он, инчунин, дар автореферат дарҷ гардидаанд.

Тақризи муқарризи расмӣ мутобиқи бандҳои 69-72 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Дотсенти кафедраи дипломатия
ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих Меърочиддини Насридин

**Имзои М.Насриддинро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Ғаюров Фаромуз Зоирхонович

27.04.24.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи
идоракунии давлатии назди Президента
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон +992 (37) 224-17-86, 224-17-86.
E-mail: info@apa.tj; https://apa.tj/